**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ**
**__________Хушвахтзода Қ. Х.**
**«_14_»_02_______ 2020 с.**

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети журналистика
Кафедраи матбуот

Диссертатсияи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи таълифи диссертатсияи номзадӣ муҳаққиқ Атоев Муҳаммадиқбол дар кафедраи матбуоти факултети журналистика ба ҳайси унвонҷӯ ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Ӯ соли 2010 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси журналист хатм намудааст.

Дар хусуси супоридани имтиҳонҳои номзадӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 06. 01. 2020 шаҳодатнома гирифтааст.

Роҳбари илмӣ – Муродов М.Б. – доктори илмҳои филология профессор.

**Дар натиҷаи муҳокима чунин хулоса шуд:**

Мавзӯи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳим дар илми журналистикаи тоҷик ба шумор рафта, дар он аносири жанрҳои

публитсистика дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф», раванди ташаккули қолабҳои эҷоди публитсистӣ, бахусус анвои жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ, публитсистию бадеӣ, заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ, нашри «Бухорои шариф», шаклу намо, қолабҳои рӯзномасозӣ, шиноснома – маромномаи рӯзнома, саҳифаҳо, сутунҳо, сатрҳо, рубрикаҳо, сарлавҳаву зерсарлавҳаҳо, ҳуруфоти нашрия, аксу тасвир, мазмуну моҳияти маводи хабарӣ, таҳлилӣ, публитсистию бадеӣ, адабию тиҷоратӣ – таблиғотӣ, низоми интишори рӯзнома, мушкилоти табъу нашр, шумораҳои нашршуда, сабабҳои қатъи фаъолияти рӯзнома, таъсири маънавии нашрия ба муҳити фикрию адабӣ, фарҳангию сиёсӣ ва иҷтимоии Аморати Бухоро, ташаккули афкори навгарою тараққипарварона, рушди андешаҳои миллӣ ва мактаби эҷодии нашрияи «Бухорои шариф» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар пажӯҳиши мавзӯъ муҳаққиқ муносибати илмӣ намуда, таҳлилу ташхис, назару андеша, мубоҳисаву хулосаҳои таҳқиқотияшро бо асноду далел дар такя ба сарчашмаи аслӣ – нусхаҳои электронии нашрияи «Бухорои шариф» ва назарияҳои гуногуни илмӣ асоснок гардонидааст.

Зарурати интихоб ва таҳқиқи мавзӯъ дар мавҷуд набудани пажӯҳиши дақиқу комил доир бафарогири вижагиҳои жанрӣ, қолабҳои эҷодӣ, маънавию сиёсӣ ва умуман аносир ва ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар нахустрӯзномаи тоҷикӣ ба шумор меравад. Илова бар ин ҳанӯз ҳам омилҳо ва заминаҳои табъу нашри нахустрӯзнома, масъалаҳои ташкилӣ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию ҷуғрофии Аморати Бухоро, таваҷҷуҳи мардум ба нашрия, бархӯрди рӯҳониёни хурофотгаро ба фаъолияти рӯзнома ва таъсири манфии он бар раванди

кори ношир, фосилаҳои нашр, манъи фаъолияти нашрия, сабабҳои пайдо шудани мухолифат ва тафриқаҳои фикрӣ миёни ҳайати муассисон, нашир ва муҳаррирони рӯзнома аз масъалаҳое мебошанд, ки таҳқиқоти сареъро тақозо менамуданд. Бо сабабҳои муракабии идеологияи давру замон ва дастнорас будани нусхаҳои «Бухорои шариф» ин кор ба таври диссертатсионӣ амалӣ нагаштааст.

Дар ин таҳқиқот диссертант кӯшишдааст, ки бо такя ба пажӯҳишҳои баанҷомрасида, маводи бойгонӣ ва нусхаҳои комили нашрияи «Бухорои шариф» омилҳои пайдоиш ва ҷараёни фаъолияти ин нашрияро муайян намуда, масъалаи жанрҳо ва ташаккули қолабҳои эҷоди публитсистиро дар он таҳқиқ намояд.

Дар таҳқиқи мавзӯъ ӯ то андозае назари худро бо такя ба далелҳо баён намудааст. Ӯ муътақид аст, ки андешаи таъсиси рӯзнома бо забони тоҷикӣ дар Аморати Бухоро нахуст ба таблиғоти пантуркизм рабт дорад. Пантуркистон барои рушди ғояҳои миллатгароёнаи худ талош доштаанд, ки дар Бухоро нашрияе бо забони мардуми маҳаллӣ таъсис дода, афкори худро ба онҳо таҳвил намоянд. Нашрияҳое, ки аз хориҷ, махсусан аз Русия ва Туркия ба Бухоро ворид мешуданд, ағлаб бар асоси ғояҳои пантуркизм нашр гардида, аҳдофи сиёсию нажодӣ доштанд. Ин нашрияҳо таърихро таҳриф намуда, асолати таърихии миллати тоҷикро инкор менамуданд. Ин рӯҳияи зидитоҷикӣ бар ҳайсияти миллии тоҷикон таъсир намуда, дар фикри таъсиси нашрияи тоҷикӣ дар Аморати Бухоро шуданд, то тавонанд аз шарофату ҳайсият, фарҳангу адаб ва ҳуқуқҳои миллию таърихии худ дифоъ намоянд.

Маҳз бо ин омилҳо сарони фикрии миллати тоҷик тадорукоти нашри рӯзномаи тоҷикиро дида, шумораи аввали «Бухорои шариф»-ро

аз 4 рабеъ-ул-охири соли 1330-и ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 11 марти соли 1912-и мелодӣ рӯи нашр оварда, дар ду марҳила: аз шумораи якум то шумораи 115 (11 март– 28 августи соли 1912) ва баъд аз таъсиси ширкати саҳҳомӣ (12 сентябр – 2 январи соли 1913) нашр намуданд.

Ба пиндори унвонҷӯ таҳаввулоти сиёсию фарҳангӣ дар кишварҳои Русия, Туркия, Ирон, Ҳиндустон ва Афғонистон, ки аз лиҳози сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангию динӣ бо Аморати Бухоро робита доштанд, аз як тараф, боиси қувват гирифтани гурӯҳҳои навгаро дар ин кишварҳо шуда бошад, аз ҷониби дигар, ба нашри матбуоти ин мамолик ривоҷ бахшид, ки аз ин кишварҳо ба ҳудуди Аморати Бухоро ворид мешуданд ва аз тараққиёту зиндагии ҷадид иттилоъ медоданд. Ҳарчанд ҷамъияти Аморати Бухоро таҳти таъсири таблиғоти рӯҳониён мутолиаи рӯзномаро «куфр»-у «бидъат» мепиндоштанд, аммо танишҳои сиёсию ҳарбӣ миёни Русияву Ҷопон ва Туркияву Италия оммаи халқро ба мутолиаи рӯзномаҷот ҷалб намуд. Мардум дар баробари гузоришҳои ҳарбӣ аз воқеаву рӯйдоди олам огоҳ шуд ва дарк намуд, ки рӯзнома танҳо як сарчашмаи иттилоот аст. Ин ҳолат чун такони бузурге барои шикасти таблиғоти рӯҳонияти ҷоҳмондаву ҷоҳталаб сабаб гардид.

Вобаста ба қатъи фаъолияти «Бухорои шариф» бошад диди диссертант дар баробари се омили нишондодаи устод Айнӣ: танвири афкори мардум; мисли муфаттиш ҷилва кардан дар чашми Ҳукумати амир; бар хилофи интизориҳои элчихонаи рус амал кардани рӯзнома, ба се омили дигар низ нисбат дорад, ки мушкилоти молии ноширин; бухрони фикрию ақидатӣ миёни муассисон ва ҳайати эҷодӣ; фалаҷ гардидани низоми идорӣ мебошанд.

Диссертант муътақид аст, ки «Бухорои шариф» дар баробари нахустрӯзномаи тоҷикӣ будан, ҳамзамон аввалин мактаби ташаккули жанрҳои матбуотӣ мебошад. Ӯ муайян кардааст, ки аносири жанрҳои хабар, репортаж, мусоҳиба, мухбирнома, мактуб ва мақола дар ин нашрия истифода шудааст, ки жанрҳои ахборӣ дар сафи аввал қарор доранд. Жанрҳои хабар ва репортаж дар нашрия ба таври комил шакл гирифта, мусоҳиба ҳамчун қолаби ибрози андеша истифода шудааст, вале ҳамчун жанри публитсистика корбаст нагардидааст. Ин навъи матнҳо ҳарчанд орӣ аз нуқс нестанд, вале бо мурури вақт қолаби жанрӣ пайдо намуда, доир ба масъалаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ ва иҷтимоию кишоварзӣ маълумот додаанд.

Аз навъи жанрҳои таҳлилӣ диссертант жанрҳои мақола ва мактубро «дорои мавқеи намоён» гуфта, истифода ва ҳузури жанрҳои дигари таҳлилӣ чун мухбирномаву нигоришро «аҳён-аҳён» қаламдод намудааст.

Ӯ муайян намудааст, ки жанрҳои мақола ва мактуб дар «Бухорои шариф» аз жанрҳои маъмул буда, ифодагари моҳият ва рӯҳияи навгароии рӯзнома мебошанд. Аз ҷумла мақола ҳамқадами нашрия буда, дар ҳар шумора ба табъ расидааст. Муаллифон дар қолаби ин жанр андешаҳои худро ба шакл даровarda, пешкаши хонанда намудаанд. Ба хусус Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким баррасии муҳимтарин масъалаҳои рӯз, хоса мактабу маориф, рушди иқтисод, тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ, рафъи хурофотпарастӣ, эҳёи исломи ҳақиқӣ, иттиҳоди миллӣ ва амсоли инро дар шакли мақола таълиф намудаанд.

Аммо дар баробари жанрҳои иттилоотию таҳлилӣ диссертант муайян намудааст, ки жанрҳои публитсистию бадеӣ дар рӯзнома кам

бозтоб ёфтаанд. Ҳарчанд хусусиятҳои жанрии лавҳа ва фелетон ба мушоҳида мерасад, аммо талаботи назариявии жанр дар онҳо ба таври комил намоён нашудааст. Вале аносири ин жанрҳо дар шакли саҷъ, ибораву ташбеҳоти бадеӣ ва ашъори иҷтимоӣ истифода гардидаанд. Бахусус, ашъори дорои оҳанги публитсистӣ дар нашрия ҷойгоҳи хоса дорад, ки мундариҷаи ин ашъор воқеияти замон буда, дар онҳо тарзи зиндагии нав, пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, аҳамияти илму маориф, бедорию ҳушёрӣ ва инкори хурофотгароӣ тарғиб шудааст.

Гузашта аз ин ҳар як жанри матбуот дар алоҳидагӣ (дар мисоли хабар, репортаж, мусоҳиба, мақола, мухбирнома, мактуб ва аносири жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ) мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дошта, унсурҳои жанрҳои публитсистӣ – бадеӣ, ташбеҳу истиораҳои адабӣ, назм ва осори шеърӣ дар рӯзнома таҳқиқ шудааст.

Моҳият ва муҳтавои пажӯҳиш собит менамояд, ки мавзӯи диссертатсия барои илми журналистика муҳим ва мубрам мебошад. Ин таҳқиқот то андозае ба рушди таърихи публитсистикаи тоҷик ва муайян намудани сарчашмаи ташаккули жанрҳои журналистӣ мусоидат намуда, таърихи матбуоти тоҷикро то ҷое такмил менамояд.

Диссертант 150 шумораи электронии нашрияи «Бухорои шариф»-ро объекти аслии омӯзиши худ қарор дода, мақолаву рисола ва китобҳои дар ин самт навиштаи муҳаққиқонро низ омӯхтааст. Инчунин маводи бойгонӣ ва таърихӣ низ аз мадди назараи ӯ канор намондаанд.

Аз таҳлилу баррасӣ, мазмуну муҳтаво ва масъалагузориҳои диссертатсия маълум мешавад, ки диссертант ба ҳадафи таҳқиқотии худ ноил шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал аносири жанрҳои публитсистика дар рӯзномаи «Бухорои шариф» мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар таҳқиқот ба масъалаҳои идеологӣ, баҳсҳои таърихӣ, моҳият ва рӯҳияи эҷодии нашрия, сарчашмаҳои иттилоотии «Бухорои шариф» ва дигар масоили марбутаи мавзӯъ таваҷҷуҳ шудааст, ки дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Маводи диссертатсияро барои дарсҳои Таърихи матбуоти тоҷик, Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, Таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои махсус ва дарсҳои интихобӣ метавон истифода бурд. Диссертатсия метавонад барои таълифи китоби дарсӣ, дастуру барномаҳои таълимӣ ва барои таҳқиқотҳои минбаъда мавод диҳад.

Диссертант нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанг ба номи П.Ҷ.Бӯйдоқов (солҳои 2019-2020) ироа намудааст. Доир ба мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расидааст. Аз ҷумла:

1. Атоев, М. Андешаҳои ҷадид доир ба заминаҳои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– 2018.– №6.– С.289-293.

2. Атоев М. Хусусиятҳои шаклию ороишии «Бухорои шариф» / М. Атоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2018.– №4(63).– С. 207-215.

3. Атоев М. Муколама ҳамчун омили пайдоиши мусоҳибаи матбуотӣ (дар мисоли маводи рӯзномаи «Бухорои шариф») / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – №5-1(77). – С. 242-245.

4. Атоев М. Ташаккули жанри хабар дар рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.– 2019.– №1.– С.207-211.

5. Атоев М. Ташаккули жанрии мақола дар рӯзномаи «Бухорои шариф» / М. Атоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.– 2019.– №4.– С.288-292.

Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мувофиқ буда, он ба ҳимоя аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика тавсия карда мешавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-10 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Суратҷаласаи №11, аз 25.06. 2019.

и/в Мудири кафедраи матбуот, дотсент ____________ Кучарова Н.А.

Котиби илмии кафедра ___________ Расулова Н.Э.

Маълумот барои иртибот:
Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (+992) 988 49 80 80
Почтаи электронӣ: kucharova_nasiba@mail.ru

Имзои Н. Кучароваро «тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ____________ Тавқиев Э.Ш.